# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик))**

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2024)» дар таърихнигории тоҷик нахустин таҳқиқоти илмӣ ба шумор рафта, он бо фарогирии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, таҳқиқоти олимон соҳаи таърих ва маводи матбуоти даврӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

То раасидан ба истиқлоли давлатӣ муассисаҳои олии таълимии назди мақомоти корҳои дохилӣ, чун қоида дар шаҳрҳои гуногуни ИҶШС ҷойгир буда, бо дархости Тоҷикистон кормандони сохторҳои милитсияро барои таҳсил ба ин муассисаҳо мефиристоданд. Танҳо Мактаби миёнаи махсуси милитсияи соли 1970 ба фаъолият шуруъ намудааст.

Таъсиси муассисаҳои таълимии назди ВКД дар солҳои соҳибистиқлолӣ икдоми некбинонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ муассисаҳои таълимӣ, марказҳои таълимӣ - методӣ, илмӣ - тадқиқотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омодасозии мутахассисони касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони МКД машғул мебошанд.

Мақсади ва вазифаҳои таҳқиқот аз таҳлил ва омӯзиши таърихи таъсисёбӣ ва рушди муассисаҳои таълимии Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2024 мебошад. Муаллиф барои расидан ба мақсади ниҳоии худ як қатор вазифаҳоро дар назди худ гузошта, ба он ноил гардидааст. Аз ҷумла, омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ, даврабандии таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлоли давлатӣ, таҳлили муқоисавии афзалияти муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба замони шуравӣ, муайян намудани омилҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти касбӣ дар низоми мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ислоҳоти милитсия дар давраи таҳқиқ, таҳлили стандартҳои байналмилалӣ ва кишварҳои пешрафта ва мутобиқгардонии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои

таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омодасозии кадрҳои баландихтисос, таҳкими истиқлоли давлатӣ, таъмини амнияти миллӣ, пойдории сохти конститутсионӣ ва муқовимат бо ҳама шаклҳои ҷинояткорӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот хеле бой буда, дар рафти навишти диссертатсия муаллиф аз асарҳо, Паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, таҳқикоти олимони соҳа, маводи матбуоти даврӣ ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии соҳа, истифода намудааст. Аксарияти ин маводҳо нахустин бор ба гардиши илмӣ ворид гардидаанд.

Объекти таҳҳиқот масъалаи таҳқиқ ва инъикоси марҳилаҳои таърихии ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Предмети таҳқиқ, таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, масоили омодасозӣ ва ба талаботи замон мутобиқ гардонидани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинӣ, хусусиятҳои таърихӣ ва педагогӣ-психологии мутахассисони мақомоти корҳои дохилиро фаро мегирад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки бори аввал дар доираи як диссертатсия, дар шакли мавзуи мукаммал маълумот дар бораи таърихи таъсис ва ташаккули муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол пешкаш гардидааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳо, предмет ва объект, заминаи сарчашмашиносии кор, доираи хронологӣ, навгонии илмӣ, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он муайян шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия ***"Заминаҳои таърихии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон"*** масъалаҳои заминаҳои таърихӣ, марҳилаҳои асосии ташаккулёбӣ, хусусиятҳои хоси фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти замони Шуравӣ ва шароити соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ***"Инкишофи раванди омода намудани мутахассисони касбӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои***

***дохилӣ"*** ном дошта, масъала ва омилҳои раванди ташкили корҳои таълиму тарбия, ташкили фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва такмили неруи зеҳниро дар бар мегирад.

Боби сеюми диссертатсия ***"Рушди фарҳанги касбии кормандон ва ҳамкориҳои байналмилалии мақомоти корҳои дохилӣ дар даврaи истиқлолияти давлатӣ"*** номгузорӣ шуда, фарогири масоили ташаккули фарҳанги касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ, равобити байналмилалӣ дар самти омода намудани мутахассисони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад.

Дар хулоса фикри ҷамбастии унвонҷӯй оид ба мавзуъ ва пешниҳоду тавсияҳо роҷеъ ба таҳқиқоти минбаъда дар ин самт оварда шудааст.

Саҳми шахсии довталаб аз он иборат аст, ки дар асоси маводҳои бойгонии ҷумҳуриявӣ ва ҷорӣ, сарчашмаҳо, қонуну санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, таҳқиқотҳои олимони соҳаҳои гуногун, адабиёти илмӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо масъалаи мазкурро бори аввал таҳқиқ намудааст. Ҳамзамон, муаллиф заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи раванди омода намудани мутахассисони касбӣ, бозомӯзӣ, рушди фарҳанги касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар омода кардани мутахассисони соҳавӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ нишон дода, онро бо даврaи Шуравӣ муқоиса намудааст.

Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра ҳал гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд. Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки унвонҷӯй масъалаи дар назди худ гузоштаро дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил намудааст. Дар ҳамин замина таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии низоми ВКД ба таври васеъ истифода гардад. Инчунин, маводди диссертатсия метавон дар омӯзиши фанҳои таърихи халқи тоҷик,  таърихи милитсияи тоҷик, таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, инчунин ҳангоми таҳияи асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик хидмат хоҳад кард.

Муҳтавои диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашриҳо инъикос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси

07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) нисбат доранд, ҷавобгӯй мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи ***«Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2024)»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) ба ҳимояи кушод тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, д.и.т., дотсент,
мудири кафедраи таърихи умумӣ
ва муносибатҳои байналхалқии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ **Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович**

Имзои доктори илмҳои таърих,
дотсент А. Қ. Ҳусайновро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ **Қодирзода Сайвалӣ**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

“3” 06 соли 2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 121,
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
Телефон: (+ 992) 2241383;
E-mail: info@tgpu.tj